*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014*
*назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди*
*Тоҷикистон, суроғаи ш Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Амиров Муҳаммадшариф Савзаевич дар мавзӯи «Арзёбии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия, муомилоти пул ва қарз**

Дар шароити муосир масъалаи арзёбӣ ва баҳисобгирии хавфҳои молиявӣ ҳамчун ҷузъи муҳими назария ва амалияи идоракунии корхонаҳои саноатӣ аҳамияти мустақили назариявӣ ва амалӣ пайдо мекунад. Дар баробари ин арзёбии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ аҳамияти махсус дорад. Равишҳои мавҷудаи арзёбӣ ба қадри кофӣ қобили қабул нестанд, зеро аксари онҳо ба таҳлили гурӯҳҳои алоҳидаи хавф асос ёфта, хусусиятҳои соҳаи корхонаҳо, инчунин омилҳои ба хавф робитадоштаро ба назар намегиранд. Бинобар ин зарурати объективии муайян кардани навъҳои асосии хавфҳои молиявӣ ва муайян кардани якчанд сатҳҳои таснифот ба миён меояд. Ҳамин масъалаҳои муҳим дар кори диссертатсионии Амиров М.С. таҳқиқ шудаанд.

Натиҷаҳои муҳимтарини дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст овардаи муаллиф муайян кардани нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омилҳои ба онҳо таъсиррасон, бо истифода аз усулҳои эконометрикӣ таҳия кардани модели регрессионии арзёбии фаъолияти молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ мебошанд

Диссертант дар асоси таҳлили харитаи хавфҳои молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон хафҳои молиявиро аз рӯйи дараҷаи таъсири манфӣ ба нишондиҳандаҳои молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ таҳия ва пешниҳод кардааст.

Аз автореферати кори диссертатсионӣ дида мешавад, ки муаллиф дар диссертатсия стратегия ва самтҳои асосии сиёсати идоракунии ба хавф нигаронидашударо дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо асоснок шудани роҳҳои рушди он таҳия ва пешниҳод кардаст. Муқаррароти мазкур на танҳо натиҷаҳое мебошанд, ки навгониҳои илмӣ доранд, балки барои рушди пурсамари корхонаҳои

саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти амалӣ доранд. Бинобар ин аз рӯи автореферати диссертатсия хулоса баровардан мумкин аст, ки муаллиф вазифаҳои ба миён гузоштаро бомуваффақият ҳал намуда, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳоро бо истифода аз маълумоти таҳлилӣ ва оморие, ки маҷаллаҳои бонуфуз ва нашриёҳои ватанӣ ва хориҷӣ интишор кардаанд, муайян карда тавонистааст.

Бо вуҷуди муваффақиятҳои баланди кори диссертатсионӣ муаллиф дар кор нишондиҳандаҳои таҳлил ва арзёбии фаъолияти молиявии корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шароити иқтисодиёти бозории муосир нокифоя истифода кардааст. Инҳоро ҳамчун эродхо бояд қайд кард:

- харитаи хавфҳои молиявии корхонаҳои саноати хӯроквории пурра асоснок карда нашудааст, ки он метавонад ҳамчун воситаи таҳлилӣ ҳангоми тасҳеҳи стратегияи аллакай муайяншуда ва мушаххас кардани хадафи корхона истифода шавад.

-нишондиҳандаҳои таҳлил ва арзёбии фаъолияти молиявии корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон нокифоя таҳия карда шудаанд.

Вале ин камбудӣ арзиши умумии кори диссертасияро паст накарда, ба натиҷаҳои илмӣ ва амалии диссертатсия таъсир намерасонад.

Диссертатсияи илмии Амиров Муҳаммадшариф Савзаевич дар мавзӯи «Арзёбии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмии мустақилона ба анҷом расондаи муаллиф мебошад, ки дорои ҷанбаҳои илмӣ ва амалии муаммоҳои таҳқиқшаванда аст ва ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯӣ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пул ва қарз сазовор мебошад.

**Д.и.и., профессор, профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ ва байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **А. Рауфӣ**

**Адрес: 734061, ш. Душанбе, кӯч. Н.Қаробоев, 63/3**
**Тел: 2340907, e-mail: eco_institute@mail.ru**

**Имзои А. Рауфиро тасдиқ мекунам**
**Мудири ШК ва КМ ДТТ** **Н.А. Бухориев.**